«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
**Ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Сафарзода Д.**
__________________________
«27»_______________2024 с.

# ХУЛОСАИ
# АКАДЕМИЯИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи Мирзозода Шаҳло Ҷума дар мавзуи «Масъалаҳои назариявии маромнокии рафтори ҳуқуқии инсон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

Мирзозода Шаҳло Ҷума соли 2000 ба факултети таърихи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айни дохил гардида, соли 2005 онро аз рӯйи ихтисоси «ҳуқуқшинос-равоншинос» хатм намудааст.

Шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ санаи 17 майи соли 2024, таҳти №1185 дода шудааст.

Роҳбари илмӣ: Зоир Ҷурахон Маҷидзода - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, сарходими шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.М. Баҳоваддинови АМИТ мебошад.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсия хулосаи зерин қабул шудааст:

**Муҳимияти мавзӯи тадқиқоти диссертатсионӣ**. Тағйироти куллӣ ва дигаргуниҳои иҷтимоие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ба амал омада, ҷомеаи моро фаро гирифтанд, вақте ки ба таври воқеӣ вайроншавии бештари намунаҳои институтсионалӣ ва меъёрии рафтори ҳуқуқӣ ба амал меомад, ҳадафҳо, арзишҳо ва воситаҳои қобили қабули татбиқи талаботи иҷтимоӣ дар ҷомеа тағир ёфта, қоидаҳои нави рафтор ва ҳамкории мутақобилаи ҳуқуқӣ муқаррар мешуданд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми солонаи худ ба Маҷлиси Олии кишвар «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» бо мақсади баланд бардоштани савияи дониши ҳуқуқӣ ва маърифати шаҳрвандӣ, баҳри пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ва такмили рафтори ҳуқуқӣ ба муносибати 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2024-ро «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намуд. Зеро ноустувории иҷтимоие, ки дар

ибтидои давраи пасошӯравӣ дар ҷомеаи тоҷик дар шуури одамон ба вуҷуд омада буд, якбора паст шудани вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии мардум боиси тақсим шудани тамоми рафтори ҳуқуқӣ ба ҳуқуқӣ ва ғайриҳуқуқӣ гардид. Аммо, имрӯз инчунин танзими ҳуқуқӣ аксар вақт расман чун пештара боқӣ монда, хеле назаррас аз ҳаёт ақиб мемонад. Чунин вазъият то андозае аз набудани пешгӯиҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок нисбат ба рафтори ҳуқуқӣ, зуҳуроти эҳтимолии он дар вазъи тағйирёфтаи иҷтимоию сиёсии кишвар, дар шароити нави иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ асос меёбад, ки бо равандҳои воқеии марбут ба масъалаи рафтори ҳуқуқии инсон муайян карда мешавад, он пеш аз ҳама бо он асоснок мегардад, ки дар он мақсади ниҳоии тамоми танзими ҳуқуқӣ - таҷассуми меъёрҳои ҳуқуқӣ дар ҳаёт ба даст оварда мешавад.

Муваффақиятҳои муосири илмҳои гуманитарӣ, аз ҷумла равоншиносии иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ имкон медиҳанд, ки шуури ҷамъиятиро идора карда, ба он таъсири идеологӣ расонанд. Дар доираи ба истилоҳ «муҳандисии иҷтимоӣ» технологияҳо барои тағир додани тарзи ҳаёти таърихан муқарраршудаи аҳолии минтақаҳои алоҳидаи сайёра истифода мешаванд. Аз болои халқҳои ҷаҳон таҷрибаҳои иҷтимоӣ гузаронида мешаванд, ки боиси сар задани ҷараёни беназорати муҳоҷирон гардида, терроризму ифротгароиро ба вуҷуд меоранд, ки имрӯз ба таври дуруст ҳамчун «таҳдидҳои асосӣ ба ҷаҳони имрӯза» арзёбӣ мешаванд.

Аҳамияти масъалаи рафтори ҳуқуқӣ пеш аз ҳама ба он вобаста аст, ки дар он мақсади ниҳоии тамоми танзими ҳуқуқӣ - таҷассуми қойдаҳои ҳуқуқӣ дар ҳаёт ба даст оварда мешавад. Ин масъала дар давраи дигаргунсозии иҷтимоие, ки ҷомеаи моро фаро гирифтааст, вақте ки ба таври воқеӣ вайроншавии бештари намунаҳои институтсионалӣ ва меъёрии рафтори ҳуқуқӣ ба амал меояд, ҳадафҳо, арзишҳо ва воситаҳои қобили қабули татбиқи талаботи иҷтимоӣ дар ҷомеа тағир ёфта, қоидаҳои нави рафтор ва ҳамкории мутақобилаи ҳуқуқӣ муқаррар мешаванд, муҳимияти махсус пайдо мекунад. Чунин вазъият то андозае аз набудани пешгӯиҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок нисбат ба рафтори ҳуқуқӣ, зуҳуроти эҳтимолии он дар вазъи тағйирёфтаи иҷтимоию сиёсии кишвар, дар шароити нави иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ асос меёбад,

Дар Паёми навбатии худ ба парлумони кишвар Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд, ки «бо вуҷуди мушкилоту машаққатҳои ҷиддие, ки мардуми тоҷикро дар давраи истиқлолият ҳамроҳӣ мекарданд, дар роҳи расидан ба сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ, рушди давлатдорӣ ва ободии Ватан давлати мо тавонист истодагарӣ кунад ва миллати тоҷикро аз парокандагӣ наҷот диҳад. Барои барқарор намудани низоми фалаҷшудаи идораи давлатӣ, оғози раванди бозсозии баъдиҷангӣ, инчунин амалӣ намудани дигар тағйироти сохторӣ, рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёт ва соҳаи иҷтимоӣ

корҳои зиёде анҷом дода, тадбирҳои зиёди самарабахш андешида шуданд".

Аммо дар шароити муосир дар баробари мушкилоти гуногуни башарият, рафтори ҳуқуқӣ дар бунёди давлати ҳуқуқбунёд ҳамчун кафил баромад карда, дар ҳаёти ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври хеле гуногун зоҳир мегардад. Амалҳои қонуниро аз рӯи бисёр аломатҳо ва меъёрҳо тасниф кардан мумкин аст: вобаста ба субъект, аз рӯи соҳаҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ, аз рӯи мансубияти соҳавии меъёрҳо, вобаста ба шаклҳои ҳуқуқтатбиққунӣ, аз рӯи хусусияти талаботи қонеъ гардонидашуда, аз рӯи хусусияти ангезаҳои бартаридошта, аз рӯи дараҷаи ихтиёрӣ, аз рӯи арзиши иҷтимоӣ ва натиҷаҳои муҳими ҷамъиятӣ, вобаста ба хусусият ва мазмуни шуури ҳуқуқӣ, дараҷаи фаъолият, шакли зуҳурот ва ғайра.

Дар робита ба воқеияти ҳуқуқӣ бояд қайд кард, ки маънои ҳаёти инсон на танҳо дар қонеъ кардани ниёзҳо, балки муҳимтар аз ин, дар имконияти баланд бардоштани қобилияти худ ва рушди минбаъдаи онҳо мебошад. Муқаррар кардани ҳадди имконпазир ҳамчун муҳаррики фаъолият хизмат мекунад. Аз ин рӯ, ҳавасмандгардонии ҳуқуқӣ ба хусусиятҳои ангезаи инсонӣ ва он чизе, ки дар асоси он - қобилият ва манфиатҳои шахс қарор дорад, комилан мувофиқ аст. Воқеияти ҳуқуқии имрӯз ҳануз ҳам аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар рафтори қонунии шахс дар сатҳи зершуури он, на тамоми аҳолии Тоҷикистон талаботи қонунҳои дахлдорро, ки дар рафтори қонунии ангезаи инсонӣ инъикос ёфтаанд, риоя карда метавонанд ва ғайра.

**Мақсади таҳқиқоти** мазкур ин таҳлил ва ошкор намудани мушкилотҳои назариявӣ ва амалии ташаккули рафтори қонунӣ ва ғайриқонунии инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Тафаккури сиёсию ҳуқуқие, ки ба таври муназзам ба ҷамъбаст намудани таҷрибаи таърихӣ даъват карда шудааст, бешубҳа, он равандҳои интегратсионии умумиҷаҳониро, ки имрӯз инсоният дучори он аст, ҳатто дар раванди рафтори қонунию ғайриқонунии он пурра пешгуӣ карда натавонист.

Ниҳоят, шиддатнокӣ, умқ ва самти динамикаи тартиботи муқарраршуда низ аз аксуламали оммаи васеъ ба дигаргуниҳои он, ки давлат аз боло ба амал мебарорад, вобаста аст. Ба ин равандҳо воситаҳои ахбори омма: ҳам давлатӣ ва ҳам хусусӣ, ҳам дохилӣ ва ҳам берунӣ фаъолона таъсир расонида метавонанд. Таъсири омилҳои иқтисодӣ низ ниҳоят бузург аст. Дар баробари ин маврид ба андозаи муайяни шартӣ сарфи назар кардан лозим аст, зеро ягонагӣ ва муборизаи ҷонибҳои муқобил дар реҷаҳои амалан мавҷуда, дар марҳалаҳои алоҳида шояд ба ҳолати мувозинати нисбӣ, таносуби қувваҳо ва манфиатҳо, ки дар марҳалаи ҳозира тавассути воситаҳои демократӣ ҳал карда мешаванд, оварда расонад. Ин низом дар фазои холӣ вуҷуд надорад, балки вобаста ба муҳити мушаххаси ҳар як кишвар бо мундариҷаи воқеӣ пурра мешавад. Ворид ва дар айни замон васеъ

кардани мафҳумҳои маъно ва аҳамият имкон медиҳад, ки сохтори фаъолият, сохтори ниёзҳои инсон, ангезаҳои ӯро ба мавзӯи таҳлили мушаххаси психологӣ табдил дода, фарқияти байни доираи шуур, тафаккур, доираи ангеза ва эҳтиёҷот бартараф карда шавад.

Маҳз бо аҳамияти омилҳои дар боло зикршуда мавзӯи тадқиқоти диссертатсионии пешниҳодшуда асоснок карда мешавад.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Мақсади тадқиқоти диссертатсионии мазкур дар ҷамъбасти ҳамаҷонибаи тадқиқоти назариявӣ-ҳуқуқии шаклу воситаҳои гуногун, таъмини шароити муътадили мавҷудият ва инкишофи шахсият, озод будан дар доираи ҳуқуқӣ, таъсир расонидан ба таҳия ва қабули қонунҳо, дар шахсияти давлат ҳимоятгарро дидан, иштироки фаъоли шахс дар муносибатҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ, ахлоқӣ ва ғайра иборат мебошад.

Барои ноил шудан ба мақсади гузошташуда дар назар дошта шудааст, ки як қатор вазифаҳо ҳал карда шаванд. Аз ҷумла:

1) таҳлили мафҳум ва таснифоти рафтори ҳуқуқӣ;

2) омузиши омилҳои асосии рафтори ҳуқуқӣ;

3) баррасии аҳамияти ҳавасмандкунӣ дар баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва ташакули рафтори ҳуқуқӣ

4) таҳлили ҷанбаҳои назариявии аҳамитяи тарбияи ҳуқуқӣ ва маърифтаи ҳуқуқӣ дар ташакули рафтори ҳуқуқӣ

5) таҳияи пешниҳодҳои мушаххас оид ба такмили заминаҳои ҳуқуқии назарияи ҳавасмандкунӣ;

**Объекти таҳқиқоти диссертатсионӣ** ҳолат ва сатҳи ақида, муносибатҳо, самтҳои арзишӣ, муносибатҳои ҳуқуқӣ ва равандҳои ҳуқуқӣ ва психологие мебошанд, ки дар соҳаи масъалаи ангезаи рафтори ҳуқуқӣ ва ғайриқонунии инсон ба миён меоянд, ки бо сабабҳои гуногуни ҳолат ба шуури ҳуқуқии мусбат ва манфии инсон таъсир мерасонанд.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот.** Ба сифати предмети таҳқиқоти диссертатсионӣ меъёрҳои ҳуқуқ ва хусусиятҳои реҷавӣ, сохтор ва фаҳмишҳои категориалӣ-низомии рафтори ҳуқуқӣ ва ғайриҳуқуқӣ ва механизмҳои ташаккули он дар заминаи раванди таълиму тарбияи ҳуқуқӣ, омилҳое, ки ташаккули ин падидаи иҷтимоӣ-хукукиро тавсиф медиҳанд, нашрияҳои илмӣ оид ба масъалаи таҳқиқшаванда баромад мекунанд.

**Навгонии илмии рисола** ҳам аз рӯйи интихоби мавзӯъ ва ҳам бо равиши таҳқиқи он, бо назардошти коркарди масъалаҳои дахлдори проблемавӣ муайян карда мешавад. Аз ҷумла, дар доираи кор кӯшиши таҳияи модели оптималии назариявӣ-ҳуқуқӣ ба роҳ монда шудааст, ки дар он дар илми ҳуқуқи ватанӣ аввалин шуда таърифи падидаи рафтори ҳуқуқӣ ва ғайриҳуқуқии инсон, сохтор, намуд ва хусусиятҳои онро дар сатҳи монография ҳамаҷониба ва мунтазам таҳқиқ карда шудааст.

Диссертант дар асоси навовариҳои илмии мавзеъҳои алоҳида ва натиҷаҳои илмии тадқиқот як қатор муқаррарот, хулосаҳо ва тавсияҳои нави назариявӣ оид ба такмили механизми ташаккул, рушд ва рафъи деформатсияи рафтори ҳуқуқии инсон, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, таҳия кардааст, аз ҷумла:

1. Рафтори ҳуқуқӣ ин фаъолияти субъектҳои инфиродӣ ва коллективӣ буда, ба меъёрҳои ҳуқуқ мувофиқат мекунад, ки дар шакли риояи мамнӯъиятҳои ҳуқуқӣ, иҷрои ӯҳдадориҳои ҳуқуқӣ, истифодаи ҳуқуқҳои субъективӣ, ҳуқуқтатбиқкунӣ, кафолат ва ҳифзи аз ҷониби давлат амалӣ карда мешавад.

Рафтори ғайриҳуқуқӣ рафторе мебошад, ки ба меъёрҳои ҳуқуқӣ мувофиқат накарда, ҳуқуқҳои субъективиро поймол мекунад ва ба ӯҳдадориҳои қонунии ба зиммаи шахсони воқеӣ гузошташуда, мувофиқат намекунад.

Сифатҳои асосии рафтори ҳуқуқӣ ва ғайриҳуқуқӣ чунин мебошад: воситаи инъикоси ҳуқуқ ва меъёрҳои ҳуқуқӣ; танзимкунандаи рафторе, ки рушди ҷомеа ва давлатро муайян мекунад; омили зуҳури фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ; зуҳуроти шакли олии рафтори ҳуқуқӣ; ченаки ягонаи инкишофи ҳуқуқии шахс, гурӯҳ ва ҷомеа; мероси фарҳанги ҳуқуқӣ; усули навсозии қонунгузорӣ мутобиқи талаботи ҳаёти воқеии ҳуқуқӣ; тадбирҳо оид ба рафъи нигилизм дар ҳуқуқ ва ғ.

2. Сохтори рафтори ҳуқуқӣ ва ғайриҳуқуқӣ ҳамчун сохтори ҷудонашаванда ва системавӣ баррасӣ мегардида, ки он дар худ ташкилоти мураккаби дохилиро дар бар мегирад, ки аз унсурҳои алоҳидаи ба ҳам алоқаманд, хусусият ва хосиятҳои онҳо иборат аст ва аз рӯи миқёс бошад, омили таъсиррасонандаи фаъолияти воқеии онҳо ҳамчун алгоритми дастури ҳуқуқии шахс, гурӯҳ ва ҷомеа дар маҷмӯъ амал мекунад. Таркиби сохтори рафтори ҳуқуқиро ҳамчун ташкили мураккаб баррасӣ намуда, вобаста ба усулҳо ва шаклҳои инъикоси рафтори ҳуқуқӣ навъҳои мушаххасро «нисбат ба соҳаҳои муайяни ҳуқуқӣ» ҷудо кардан лозим аст.

3. Ҳангоми баррасии рафтори ҳуқуқӣ вобаста ба соҳаҳои алоҳидаи ҳаёти ҷомеа, ки дар онҳо амалҳои ҳуқуқӣ анҷом дода мешаванд, тафовут намудани рафтори ҳуқуқии сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва ғайра мумкин аст. Навъи махсуси рафтори ҳуқуқиро амалҳои «моддӣ» ва «инструменталӣ» ташкил медиҳанд. Амалҳои моддӣ ин аз тарафи шаҳрванд ба амал баровардани ҳуқуқҳои худ, иҷрои вазифаҳо, фаъолияти иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ ва амалҳои амалҳои инструменталӣ бошад ба даст овардани ҳуқуқу ӯҳдадориҳо, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои худ ва манфиатҳои қонунӣ фаҳмида мешавад. Рафтори моддӣ шакли ҳуқуқӣ дошта, одатан бо татбиқи меъёрҳои дахлдор ва муносибатҳои ҳуқуқӣ алоқаманд аст. Субъектҳои амалҳои «моддӣ» дар ин робита, чун қоида, то он даме, ки амалҳои дахлдор бе монеа анҷом дода нашаванд, ба

шакли ҳуқуқии худ аҳамияти ҷиддӣ намедиҳанд, ки ин ба рафтори «моддии» ҳуқуқӣ намуди рафтори ғайриҳуқуқӣ медиҳад.

4. Рафтори ҳуқуқӣ аз рӯи шакли зуҳур дар шакли амал ё беамалӣ амалӣ мегардад. Вобаста ба масъалаи аҳамитяи ҳуқуқӣ амалҳои ҳуқуқӣ ба аҳдҳои ҳуқуқӣ ва амалҳои ҳуқуқӣ тақсим мешаванд. Аҳдҳои ҳуқуқӣ амалҳоеро дар бар мегиранд, ки ифодаи иродаро таҷассум мекунанд, ки шуурона ба муқаррар кардан, тағир додан ё қатъ кардани ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳо равона шудаанд, яъне онҳо бо мақсади ба вуҷуд овардани оқибатҳои ҳуқуқӣ содир карда мешаванд. Ба онҳо санадҳои алоҳидаи идоракунии маъмурӣ, шартномаҳои ҳуқуқӣ-шаҳрвандӣ, аризаю шикоятҳои шаҳрвандон, сабти санадҳои ҳолати шаҳрвандӣ, қарору таъиноти суд ва ғайра дохил мешаванд. Муҳимтар дар аҳдҳои ҳуқуқӣ самти ифодаи ирода ба оқибатҳои ҳуқуқӣ мебошад. Аз ин рӯ, нуксонҳои ирода (иштибоҳ, зухуроти ирода дар натиҷаи зӯроварӣ ва ғайра) боиси нуқсони санадҳои ҳукуқӣ (беэътибор, беаҳамиятӣ ё баҳсталабии онҳо) мегардад. Аз ин рӯ, ба сифати ҳуқуқӣ танҳо амалҳои эътиборнок бояд ҳисобида шаванд.

6. Зери мафҳуми механизми ташаккули рафтори ҳуқуқӣ дар фаъолитя омилҳои гуногуни таъсиркунанда фаҳмида мешавад, ки дар байни онҳо рафтори ҳуқуқӣ махсус ҷудо мешавад. Охиринро муаллиф ҳамчун раванди муназзам, назоратшаванда, муташаккил, муттасил ва мақсадноки ноил шудан ба ҳадафҳо ва вазифаҳои фаъолияти субъектҳои интиқол ва азхудкунии дониш, принсипҳо, ғояҳо дар бораи ҳуқуқ ва меъёрҳои ҳуқуқӣ муайян мекунад, ки ташабускори на танҳо арзишҳои фарҳанги ҳуқуқии миллӣ, балки умуман ҷомеаи ҷаҳонӣ аст, ки барои иҷрои накше, ки категорияи рафтори ҳуқуқӣ бояд дар ҳаёт ва амалияи иҷтимоӣ-хукуқӣ бозад.

7. Ҳавасмандии рафтори ҳуқуқӣ ба унсури асосии худ– ангеза ҳамчун падидаи мураккаби психологӣ асос ёфтааст, ки субъекти ҳуқуқро ба амалҳои бошуурона ташвиқ мекунад ва барои онҳо ҳамчун асос хизмат мекунад. Ҳавасмандии рафтори ҳуқуқии субъектҳои ҳуқуқ раванди мураккаби фаъолияти равонии онҳо мебошад, ки аз як тараф, бо хусусиятҳо ва сифатҳои субъективии психологии ҳар як шахс ва аз тарафи дигар, ба манфиатҳо, ниёзҳои, ниятҳо, ормонҳо ӯ вобаста аст. Дар раванди даркнамоии амалҳои дар пешистода ва амалигардидаистода ҳамчун роҳу воситаҳои қонеъ гардонидани манфиатҳо ва ниёзҳои шахсӣ ё ҷамъиятӣ ва баҳодиҳии мутобиқати (ё номутобиқати) онҳо ба талаботи меъёрҳои муайяни ҳуқуқӣ дар ниҳояти кор механизми ҳавасмандгардонии рафтори ҳуқуқӣ ташаккул меёбад.

8. Ҳавасмандии рафтори ҳуқуқӣ ин таъсири дохилӣ ё берунӣ мебошад, ки шахсро барои риоя ё вайрон кардани қонунҳо ва меъёрҳои ҳуқуқӣ ҳавасманд мекунад. Он омилҳои гуногунро дар бар мегирад, аз қабили эътиқоди ахлоқӣ, интизориҳои иҷтимоӣ, тарс аз ҷазо, робитаҳои иҷтимоӣ ва ғайра, ки метавонанд ба қарорҳои шахс оид ба риояи қонун

таъсир расонанд. Ҳавасмандии рафтори ҳуқуқӣ дар ташаккули рафтори риояи қонун дар ҷомеа ва ҳифзи тартиботи ҳуқуқӣ нақши муҳим дорад.

Омилҳои дохилӣ дар ташаккули ангезаи рафтори ҳуқуқии шахс нақши калидӣ доранд. Онҳо ҷанбаҳои дохилии равонӣ, эҳсосотӣ ва ахлоқиро ифода мекунанд, ки ба қарорҳои шахс оиди итоат кардан ё вайрон кардани қонунҳо таъсир мерасонанд. Омилҳои асосии дохилии ҳавасмандкунандаи рафтори ҳуқуқӣ - тарс аз ҷазо, эътиқодҳои ахлоқӣ, худшиносӣ, ҳадафҳо ва арзишҳои шахсӣ ва омилҳои беруни - низоми қонунгузорӣ, мавҷудияти муҷозотҳо, омилҳои иқтисодӣ, афкори ҷамъиятӣ ва тасдиқи иҷтимоӣ, омӯзиш ва огоҳӣ, суботи сиёсию иҷтимоӣ, омилҳои фарҳангӣ ва таърихӣ барои ташаккул додани заминаи мураккаби ҳавасмандӣ, ки рафтори ҳуқуқии ҳар як шахсро муайян мекунанд, мусоидат мекунанд.

9. Ташаккули механизми маромнокии рафтори ҳуқуқии ба тамоми маҷмӯи омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ, маънавию ахлоқӣ, ташкилию идоракунӣ, танзимӣ, зеҳнӣ, ҷаҳонбинӣ, психологӣ ва дигар омилҳо асос меёбад, ки бо тарзҳои худ ба воқеияти бавуҷудомадаи ҳуқуқӣ таъсир мерасонад. Муайян кардани дараҷа ва хусусияти таъсири онҳо ба хусусияти ангезаҳо ва механизми ҳавасмандгардонии рафтори ҳуқуқии ниҳоят муҳим аст, зеро он имкон медиҳад, ки сари вақт ба системаи ташаккули мақсадноки ҳавасмандии рафтори ҳуқуқӣ ислоҳот ворид карда шавад.

10. Дар ташвиқи рафтори ҳуқуқӣ тарбияи ҳуқуқӣ ва маърифати ҳуқуқӣ нақши муҳим дорад.

Тарбияи ҳуқуқӣ дар ташаккули маромнокии рафтори ҳуқуқӣ аҳамияти калидӣ дорад. Он ба азхудкунии меъёрҳо, арзишҳо ва қоидаҳои тартиботи ҳуқуқии ҷомеа нигаронида шудааст. Тавассути тарбияи ҳуқуқӣ одамон аҳамияти риояи қонуну қоидаҳоро дарк мекунанд, оқибатҳои вайрон кардани қонунро мефаҳманд ва эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои дигаронро инкишоф медиҳанд. Чунин тарбия ба ташаккули ҳавасмандии дохилӣ барои риояи қонунҳо мусоидат намуда, ба ҳисси адолат ва масъулиятро дар назди ҷомеа таҳким мебахшад, ки дар ниҳоят одамонро ба рафтори ҳуқуқӣ дар доираи қонун водор месозад.

Маърифати ҳуқуқӣ як системаи арзишҳо, донишҳо ва малакаҳои марбут ба ҳуқуқ ва қонунро ифода мекунад. Сатҳи баланди фарҳанги ҳуқуқӣ ба ташаккули эҳтиром ба қонун ва дарки ҳуқуқу ӯҳдадориҳои шаҳрвандон мусоидат мекунад. Шахсоне , ки сатҳи баланди фарҳанги ҳуқуқӣ доранд, на аз тарси ҷазо, балки барои он ки онҳо аҳамияти онҳоро барои ҷомеа ва худ дарк ва эътироф мекунанд, бештар қонунҳоро риоя мекунанд. Ҳамин тавр, фарҳанги ҳуқуқӣ одамонро ба рафтори қонунӣ водор месозад, ба нигоҳ доштани тартиботи ҳуқуқӣ ва риояи қонунҳо мусоидат мекунад.

Тарбияи ҳуқуқӣ ва маърифати ҳуқуқӣ категорияҳои ба ҳам зич алоқаманд ва ба ҳамдигар таъсиррасонанда мебошанд. Аз ин ру,

фаъолитяи мушаххаси аз ҷиҳати илмӣ оид ба тарбияи ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани сатҳи фарҳанги ҳуқуқӣ яке аз самтҳои асосии ташаккули рафтори устувори ҳуқуқӣ ҳамчун натичаи ҳавасмандгардонии мусбати мувофиқ мебошад.

Хулосаҳо ва нуктаҳои илмӣ, ки дар диссертатсия пешкаш гардидаанд, бо истифода аз ақидаҳо ва мафҳумҳои пазируфташудаи илмӣ исбот карда шудаанд. Натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз сатҳи навгонии таҳқиқоти диссертатсионӣ дарак медиҳанд. Таҳқиқоти диссертатсионӣ кори илмии анҷомёфта буда, дар он вазифаҳои гузошташуда пурра ҳалли худро ёфтаанд.

Диссертатсия рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мувофиқ аст.

Оид ба муҳтавои диссертатсия мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 2 воситаи таълимӣ, 5 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 1 мақола дар маҷаллаҳои дигар ба нашр расонидааст, аз он ҷумла:

**ФЕҲРИСТИ**
**ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ**

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

**[1-А]** Мирзозода Ш.Ҷ. Идеи и роль мотивации в правовых учениях [Матн] / Ш.Ҷ. Мирзозода // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – Душанбе: 2021. – №4 (40). – С.188-193

**[2-А]** Мирзозода Ш.Ҷ. Нишонаҳои таҳрики ҳуқуқӣ ва аҳамияти иҷтимоии он [Текст] / Ш.Ҷ. Мирзозода,// Маҷаллаи илмӣ – таҳлилии Қонунгузорӣ. - Душанбе: 2021. – №4 (44). – С.12-17.

**[3-А]** Мирзозода Ш.Ҷ. омилҳои рафтори қонунӣ ва ҳавасмандгардонии самаранокии қонунии субъектон [Матн] / Ш.Ҷ. Мирзозода // Маҷаллаи академияи ҳуқуқ. – Душанбе: 2022. – №4 (44). – С.64-69.

**[4-А]** Мирзозода Ш.Ҷ. Ангезаи ҷиноятӣ [Текст] / Ш.Ҷ. Мирзозода, // Шуъбаи нашру табъи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти ҶТ. – Душанбе: 2022. – №4 / 1 (58). – С.233-241.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар дигар нашрияҳои илмӣ чоп шудаанд:**

[1-А] Мирзозода Ш.Ҷ. Понятие, признаки и виды правомерного поведения [Текст] Вестник науки. // Международной научно-практической конференции. – Уфа, 2022. – С.57-63.

**III. Монография ва воситаҳои таълимӣ:**

**[13-М].** Мирзозода Ш.Ҷ. Мирзоев С. Курси мухтассари лексияҳо аз фанни “Назарияи давлат ва ҳуқуқ”- Душанбе, - с. - 2021.151. с.

**[14-М].** Мирзозода Ш.Ҷ. Мирзоев С. Воситаи таълимӣ методӣ “Ҳуқуқи оилавии ҶТ.” - Душанбе, - с. 2021. 144 с.

Ҳамаи мақолаҳои муаллиф оид ба муҳтавои диссертатсия навишта шуда, таҳлили онҳо дар қисми хулосавии диссертатсия сабт гардидаанд.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсия таҳқиқоти мантиқан анҷомёфта буда, ягонагии дохилӣ дорад ва аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои натиҷаҳо ва нуктаҳои нави илмии барои ҳимоя пешниҳодшаванда мебошад, ки дар он саҳми шахсии муаллифи диссертатсия ба назар мерасад. Рисолаи мазкур ба талаботи манзурнамудаи банди 31, 33-35, 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

2. Диссертатсияи Мирзозода Шаҳло Ҷума дар мавзуи "Масъалаҳои назариявии маромнокии рафтори ҳуқуқии инсон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат ба талаботҳои бандҳои 31-37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат дорад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

3. Диссертатсияи мазкур ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат тавсия карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуд. Дар ҷаласа иштирок доштанд: 10 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" - 10 нафар, "зид" - 0 нафар, "бетараф" - 0 нафар.

Суратмаҷлис аз 24 майи соли 2024, №10.

**Раиси ҷаласа:**

Мудири кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон н.и.ҳ., дотсент — Холинова М.М.

**Котиби ҷаласа:**

коргузори кафедра — Бозорова С.С.

Имзои Холинова М.М.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон — Ғаюров Ф. З.
«24» 05 2024 с.

Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734003, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33, www.apa.tj